# ОМИЛҲОИ АҚИБМОНИИ МАОРИФИ АФҒОНИСТОН БАЪД АЗ СУҚУТИ ҲАРАКАТИ «ТОЛИБОН»

***Қудратов К.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
***Кушо Ф.М.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Аннотатсия:** дар ин мақола вазъи маориф дар Афғонистон пас аз сукути ҷунбиши Толибон ва оғози амалиёти низомии Нерӯҳои Байналмилалии Кӯмак ба Амният (ISAF) баррасӣ ва таҳлил шудааст. Тавре таҳлилгарон ва коршиносони масоили сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳон дар мавриди баҳси Афғонистон ва маорифи он назарпардозӣ намудаанд, ки решаҳои ақибмондагии маорифи Афғонистон ба бӯҳрони сиёсиву иҷтимоии чаҳор даҳсолаи ахир иртибот дошта, ин раванд ба таълиму тарбия таъсири манфӣ гузошта, барои шаҳрвандони мамлакат ҳазорҳо душвориҳоро ба миён овардааст. Муаллиф низ мушкилтарин чиз дар соҳаи маорифи Афғонистонро дар набуди амният, иқтисоди ақибмонда, набуди иттиҳоду ҳамбастагӣ, баробарӣ ва бародарӣ мебинад.

Афғонистон пас аз конфронси Бонн, бахусус дар бахши маориф, аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои Амрикову Аврупо, Осиё ва ҳатто Австралия, ки ҳазорон миллион доллар кумакҳои байнулмилалӣ мекунанд, дуруст идора нагардидааст ва аз ин рӯ, барномаҳои имдодии байнулмилалӣ ба таври бояду шояд амалӣ нашудаанд. Дар мақолаи мазкур диққати асосӣ ба кӯмакҳои байналмилалӣ ба Афғонистон дар соҳои маориф равона карда мешавад ва ҳаминро бояд қад кард, ки ниҳодҳои кӯмаккунандаи байналмилалӣ дар Афғонистон кӯмакҳои зиёдеро ба мардуми Афғонистон кардаанд, аммо ҳеҷ вақт бозрасӣ ва ҳисобдиҳии шаффоф аз ин кӯмакҳо сурат нагирифтааст.

**Калидвожаҳо:** маориф, вазорати маориф, рушди маориф, мактабҳо, кӯмаки байналмилалӣ, Афғонистон, ҳукумати Афғонистон, СММ, Нерӯҳои кӯмаки амниятӣ дар Афғонистон

Тавре ки таҳлилгарон ва коршиносони масоили сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳон дар мавриди Афғонистон ва маорифи он назарпардозӣ намудаанд, маълум мегардад, ки решаҳои ақибмонии маорифи Афғонистон бо бухрони сиёсиву иҷтмоии чаҳор даҳсолаи охир вобастагии комил дошта, бар раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ гузошта, сабабгори ҳазорон мушкил барои шаҳрвандони кишвар гардидааст. Чаро, ки бузругтарин мушкил дар соҳаи маорифи Афғонистон набудани амният, иқтисоди қафомонда, набудани иттиҳоду ҳамдилӣ ва баробариву бародарӣ шумурда мешавад. Ин ҷанги хонумонсуз, хусусан дар чаҳор даҳаи охир ҷони миллионҳо инсони бегуноҳ, махсусан ҷони ширини ҳазорон муаллим ва шогридонро гирифтааст. Мухолифини давлат мактабҳоро ба оташ кашиданд ва чунон ваҳшатро дар ҷомеаи мазлуми Афғонистон ба роҳ монданд, ки таърихи башарият то ба ҳол дар ҳеч кишвар назири онро надидааст.

Мавриди зикр аст, ки ҷомеаи ҷаҳон бар асоси баррасии вазъи маорифи Афғонистон баъд аз сукути Толибон дар соли 2001 муайян намуданд, ки дар Афғонистон 3400 мактаб бо дар бар гирифтани ҳудуди як миллион шогирд, бидуни иштироки духтарон ва 21500 муаллим фаъолият доштанд. Ҳамчунон дар ҷараёни ин ҳама таҳаввулоти сиёсӣ тибқи гузориши Вазорати маориф 3,5 миллион кудак дар Афғонистон аз омӯзиш маҳрум буданд, ки 75% -и онро духтарон ташкил медоданд. Ҳудуди 1200 мактаб дар манотиқи гуногуни кишвар ба иллати ноамниҳо аз фаъолият боз монда буданд.

Тавре, ки Муҳаммад Иброҳим Шинворӣ - сарпарасти Вазорати маорифи Афғонистон изҳор доштааст: «ноамнӣ ва фақри иқтисодиро метавон аз омилҳои умдаи дурмондани кӯдакон аз омӯзиш донист». Вазорати маориф эълон дошт, ки дар ҳоли ҳозир 3,5 миллион нафар кӯдакон дар Афғонистон аз омӯзиш маҳрум ҳастанд, ки 75%-и онро духтарон ташкил медиҳанд. Ҳудуди 1200 мактаб дар бахшҳои мухталифи кишвар ба иллати ноамниҳо низ баста шуданд [8].

Бояд қайд кард, ки шикоят аз ҳузурёбии хориҷиён дар бисёре аз вилоятҳои Афғонистон аз ҷониби шаҳрвандон ба гӯш мерасад. Нахуст бояд қайд намуд, ки нақши хориҷиён бахусус амрикоиҳо дар таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон нисбат ба суди онҳо, зиён ва зарарашон барои Афғонистон ва сокинони он расида аст. Зеро, ки онҳо мутобиқ ба паймонашон дар Конфронси Бонни Олмон вафодорӣ накардаанд [2, 1].

Яке аз натиҷаҳои баъди таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон, қатли шаҳрвандони бегунoҳ, ба хусус донишҷӯёни Афғонистон аст.

Шаклгирии таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон ҳеҷ гоҳ ба нафъи афғонҳо набуда, балки ҳар рӯз ҷони шаҳрвандони бегуноҳи Афғонистонро мегирад. Албатта, изҳороти сухангӯи қувваи ISAF генерал (дигарвол) Ҷозеф Бонс тасдиққунандаи суханони мо мебошад. «...генерал Ҷозеф Бонс, сухангӯи неруҳои кӯмак бар амният дар Афғонистон (ISAF) дар як нишасти хабарӣ дар Кобул гуфт: «баррасиҳое ба амал омада нишон медиҳад, ки дар рақами талафоти шахсони бегуноҳ дар ҷараёни амалиёти низомӣ, 42 % коҳиш ба амал омада аст».

Ин сухангӯи неруҳои эътилофи ҷаҳонӣ таъкид намудаст, ки дар ҷараёни 12 ҳафтаи гузашта мизони талафоти афроди шаҳрванд дар муқоиса бо соли гузашта ҳудуди 7,8 % коҳиш ёфта аст. Дар ин ҳол теъдоди кушта шудагони шаҳрванд низ бештар аз 44 % коҳиш ёфта аст [10, с.17].

Ҳамчунин бори дигар бояд қайд намуд, ки самараҳо ва натиҷаҳои ин ҳама таҳаввулоти сиёсӣ дар кишвари Афғонистон, ҳамла ба мактабҳо, бахши дигаре аз силсилаи амалиётҳои хориҷиён алайҳи афроди ғайри низомӣ аст, ки мутаассифона дар солҳои охир борҳо ба вуқуъ пайваста аст. Бархе аз ин гузоришҳо мавзӯи дорупошии заҳрӣ, яъне масунияти бисёре аз духтарони донишомӯзро дар мактабҳо намоён мекунад ва бархе ҳамлаҳои мусаллаҳона ба муаллимон ва шогирдонро аз муҳимтарин мавриде, ки дар ин замина бештарин инъикоси хабариро дошт қазияи тезобпошӣ ба сурати теъдоде аз шогирдони духтар дар яке аз мактабҳои вилояти Қандаҳор буд, ки ду сол қабл тавассути афроди марбут ба гурӯҳи «Толибон» сурат гирифтаст.

Гузориши охирин дар ин замина, ки аз сӯи сухангӯи Вазорати маориф, рӯзи якшанбеи моҳи апрели соли 2007 ба нашр расида аст. Афзоиши талафоти донишомӯзон ва муаллимонро, ки тавассути гурӯҳҳои шӯришии «Толибон» анҷом мешавад, нишон медиҳад. Ин гузориш, ки дар вебсайти BBC ба нашр расондааст чунин омадааст: «Вазорати маорифи Афғонистон аз афзоиши талафоти донишомӯзон ва муаллимон дар асари ҳамалоти афроди мусаллаҳ хабар додаанд». Гузориш боз меафзояд: «...соли 2016 беш аз 300 нафар аз донишомӯзон ва муаллимон дар нуқоти мухталифи Афғонистон ҷонҳои худро аз даст додаанд. Ин омор дар асоси изҳороти сухангӯи Вазорати маориф соли гузашта 250 нафар буд».

Ба гуфтаи мақомоти Вазорати маорифи Афғонистон наздик ба як соли ҷорӣ даҳҳо мактаб аз суи афроди мусаллаҳ ба оташ кашида шуда ва ё биноҳои мактабҳои маориф тахриб шуда аст. Аммо ин вазорат мегӯяд, ҳамла ба мактабҳо, ба таносуби соли гузашта тақрибан 50 % камтар шудааст. Бештарин ҳамлаҳо ба мактабҳо ва донишомӯзон дар минтақаҳои ҷанубии Афғонистон гузориш шуда аст, минтақаҳое, ки фаъолияти гурӯҳҳои «Толибон» дар он асосан мавҷуд аст. Идомаи ноамниҳо, ҳамчунин ба таътили шуморе аз мактабҳо ва вижа дар ҷануби Афғонистон анҷом шудаастаст [10, с.18].

Паёми ҷаноби доктор Акрам Ихпулвок намояндаи хоси Раиси ҷумҳур дар умури сиёсӣ ва Раиси дорулиншои раванди сулҳ роҷеъ ба паёмадҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар кишвари Афғонистон: « Шояд ҳеҷ кишваре набошад, ки маззаи талхи ҷангро начашида бошад ва ё бо мушкилоти ҷанг ва бухрон муваҷеҳ нашуда бошад. Ин ҳама ҳақиқати таърихии инсонҳо аст, ки наметавон аз он инкор кард.Бадбахтона Афғонистон аз ҷумлаи кишварҳое аст, ки ҷанг дар он ба дарозо кашида шудааст. Мо шикори ҷанги бемантиқ ҳастем, ки ба таваҷҷуҳи динӣ, на ихтилофӣ ва на сиёсӣ дорад, аммо ҳар рӯз кушта мешавем ва рӯз ба ба рӯз иштиёқамон ба сулҳ бештар мегардад. Пас лозим аст, ки худ ва кишварро монанди миллатҳои бедор, аз ин сохтори қабилавӣ ва мазҳабӣ мухолиф будан бо маорифи асрӣ, сохторӣ қабилавӣ ҷомеаи Афғонистон,

ҳаёти рустоӣ дар кишварро бо анъанаҳо ва ривоҷҳои қабилавӣ ва бумӣ, набудани инкишофи зиндагӣ ва фарҳанги шаҳрӣ дар атрофи шаҳрҳо аз омилҳои боздоранда дар рушд ва тавсеаи маорифи асрӣ дар тӯли асри XX шуморида мешавад. Аммо пас аз суқути Ҳукумати «Толибон» мардум ба шаҳрҳо рӯй оварда ва дар Кобул пойтахти кишвар, ки пеш аз 5 миллион нафар аҳолӣ дорад, фоизи шумулияти шогирдон дар мактабҳои Афғонистон баъд аз Конфронси Бонн то соли 2016 рӯ ба инкишоф овард. Вале танҳо дар бахши шумулияти духтарон ба хусус дар атрофи шаҳрҳо мушкилоти худро дошта аст, зеро дар он ноҳияҳо ҳанӯз ҳам фарҳанги қабилавӣ ва рустоӣ бештарин таъсироти худро доранд [1, с.372-375].

Таъсири таҳаввулоти сиёсӣ бар ҷойгоҳи маориф дар се соли аввали Ҳукумати ваҳдати миллӣ, дар гӯшае аз таҳаввулоти сиёсӣ вазъияти иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари Афғонистон рӯз ба рӯз рӯ ба харобӣ гузошт, зеро баъд аз хатми давраи 13 солаи Ҳомид Карзай, асароти ногувори ҷанг ва таорӯзоти «Толибон» дар ҳар гӯша ва канори кишвар шиддат ёфта ва ҳар рӯз минтақаҳои зиёде аз назди давлат ба дасти «Толибон» афтода, вулусволиҳо (ноҳияҳо) паи ҳам сукут карданд, ҳатто баъзе вилоятҳо ҳамчун Кундуз ҷандин бор ба дасти «Толибон» расид, вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шаҳрвандони Афғонистон дар соҳаҳои ҷанг ва ноамнӣ рӯз ба рӯз хароб ва бадтар шуда меравад. Вале ногуфта набояд гузошт, ки давлатмардони кишвар барои таъмини амнияти мардуми Афғонистон то ҷои имкон шабу рӯз талош варзидаанд.

Рушд ва тавсеаи низоми таълимӣ ва тарбияи муосир ҷавобгӯи муносиб барои 9,2 миллион шогирдро дошта бошад, бояд таваҷҷуҳи ҷамъият ва амнияти сартосарии кишварро таъмин кард. Ҳукумати Афғонистон барои расидагӣ ба вазъияти нодурусти таълиму тарбия дар вазъияте қарор дорад, ки 60% кормандони хадамоти мулкӣ дар Вазорати маориф ва шӯъбаҳои он масруфи коранд[9].

Аз ҷумла, Осифи Нанг - муовини вазири маорифи Афғонистон роҷеъ ба баррасии мушкилот дар арсаи таҳаввулоти сиёсии маорифи кишвар дар соли 2012 чунин гуфтааст, ки «Маориф зербинои пешрафт ва тавсеаи ҳар кишвар аст, аммо маорифи Афғонистон дар ҷараёни бештар аз се даҳаи ҷанг ва ҳокимияти «Толибон» яъне дар ҷараёни таҳаввулоти сиёсӣ дучори мушкилоти зиёде шуда аст. Гурӯҳи «Толибон» дарҳои аксари аз мактабҳои духтаронаро дар пойтахт ва вилоятҳои Афғонистонро бастанд. Ба рӯйи кор омадани Ҳукумати нав ва ҳузури қувваи НАТО дар Афғонистон то ҳадде барои рушд ва тавсеаи маорифи Афғонистон гом бардошта шуд. Аммо назар ба кӯмакҳо ва ончӣ интизор мерафт, дар ин давраи муҳим асоси маорифи кишвар бо мушкилоте бештар дасту панҷа нарм мекунад». Аз баъзе вилоятҳои кишвар шикоятҳое дар мавриди камбудии маводи дарсӣ ва китобҳо ба Вазорати маориф дастрас мегарданд. Вале, Вазорати маориф дар ин замина дучори се мушкилоти асосӣ мебошад. «Зарфияти чопи китоб дар Афғонистон бисёр кам аст, феълан Вазорати маорифи кишвар ба 50 миллион ҷилд китоби дарсӣ наёз дорад, агар тамоми мактабҳо ва чопхонаҳои Афғонистонро ҷамъ кунем, дар як моҳ чаҳор миллион китоб чоп карда наметавонанд. Дар сурате, ки маорифи Афғонистон дар ҳар моҳ ба 20 миллион ҷилд китоби дарсӣ наёз дорад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки мушкилоти асосии Вазорати маориф камбудии буҷаи молиявӣ мебошад. Давлати Афғонистон дар 13 соли гузашта, як афғониро барои чопи китоб ба ин вазорат ихтисос надода аст. Ҳамаи пули чопи китобро Вазорати маориф ба талбандагӣ пайдо карда аст.

Далели зарфияти поини мактабҳо ва чопхонаҳои Афғонистон ин аст, ки Вазорати маориф китобҳои ин вазоратро дар берун аз кишвар чоп мекунад. Мушкили умдаи дигар ин аст, ки донорҳои Вазорати маорифи Афғонистон пулро дар вақти муайян ва зарурат ба ин вазорат намедиҳанд, то Вазорати маориф барои масрафи он барномаи худро дуруст кунад.

Инҷо савол ба миён меояд: Чаро як теъдод китобҳо дар Покистон чоп мешаванд ва то ҳануз ин китобҳо вориди кишвар нашудаанд? Китобҳо дар Покистон чоп намешаванд, китобҳои Вазорати маорифи Афғонистон дар Индонезия, Малайзия ва дигар кишварҳо чоп мегарданд ва аз роҳи Покистон ба Афғонистон ворид мешаванд. Аммо соли гузашта ба далели он ки теъдоди китобҳои Вазорати маориф ба кӯмаки НАТО ва низомиёни хориҷӣ чоп шудаанд, чун хурӯҷ ва вуруди низомиёни хориҷӣ аз Покистон мамнуъ эълон шуда буд, миқдори китобҳои Вазорати маорифи Афғонистон маҷбуран дар онҷо чоп шуд. Вале ҳоло ин, ки мушкил бартараф шудааст. Албатта, китобҳои Вазорати маориф дар кишварҳои Малайзия ва Индонезия чоп мешаванд [3].

Ҳам акнун чи теъдод институти маслакӣ, техникӣ ва мактабҳои маориф дар Афғонистон фаъол ҳастанд? Вазорати маорифи Афғонистон дар маҷмӯъ 17470 мактаб дорад, ки дар ин маконҳои таҳсилӣ таълимоти маслакӣ ва техникӣ, тарбияи муаллим, институтҳо низ шомил ҳастанд, дар маҷмӯъ Вазорати маориф илова бар макотибҳо 43 маркази тарбияи муаллим, 51 дорулмуалимини олии шаръӣ, беш аз 190 маркази ҳимоявии тарбияи муаллим, 170 мактаби техникии кишоварзӣ ва 800 мадрасаи динӣ дорад [3].

Омилҳои иқтисодӣ ва таъсироти манфии онҳо дар рушди маорифи Афғонистон чунин аст: «Афғонистон ба масобаи як кишвари воқеъ дар хушкӣ ва дорои шароити бади иқтисодӣ дар роҳи рушд ва инкишофи маориф ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ аст. Таъмини ҳазинаи маориф

дар кишвар бар мабнои қонунҳои асосии дар давлатҳои мухталиф аз вазифаҳои давлати шумурда мешавад. Аммо, заифӣ ва нотавонии иқтисодии шаҳрвандон дар Афғонистон ҷилави нақши мардумро дар ин кишвар гирифта аст. Вале фақр ва сатҳи поини зиндагӣ яке аз мушаххасоти ҳаёти рустоӣ (деҳа) аст, ки дар тӯли даҳ соли асри нав оиди саронаи миллӣ дар кишвар ба 100 доллар нарасидааст. Аз ин рӯ, саҳми мардум дар рушд ва инкишофи маориф аз ҳисоби иқтисод, бисёр заиф ва ноком аст [1, с.368].

Бояд қайд намуд, ки ниҳодҳои кӯмаккунандаи байналмилалӣ дар Афғонистон ҳисоботи шаффоф надоранд ва ба ин масъала метавон чунин назар кард: «Дар чанд соли гузашта, ниҳодҳои кӯмаккунандаи байналмилалӣ дар Афғонистон омори зиёде аз кӯмакро ба мардуми Афғонистон додаанд, аммо ҳеҷ навъ бозрасӣ ва ҳисобдиҳии шаффоф аз ин кӯмакҳо сурат нагирифтааст».

Ба гузориши хабаргузории «Садои афғон» Ово, огоҳони умури иқтисодӣ мегӯянд: « ин ниҳодҳо дар омордиҳияшон содиқ набудаанд, чун аксари кумакҳо, ки аз сӯи ин ниҳодҳо сурат гирифтааст, бо оморашон зиддият дорад».

Муҳаммад Тақии Расулӣ-устоди донишгоҳ ва коршиноси умури иқтисодӣ дар ин маврид ба Ово чунин гуфтааст: «Аксари ниҳодҳои байналмилалии кӯмаккунанда, ки пулҳояшонро дар чанд соли гузашта дар соҳаи маорифи Афғонистон ба масраф расонидаанд, ҳисобдиҳии шаффоф надоштаанд ва бар ҳамин асос, кӯмакҳояшонро ба майли худашон ба масраф расондаанд. Мавсуф хотирнишон кард, ки ниҳодҳои байналмилалӣ ҳадди аксари пулҳои кӯмакшуда ба Афғонистонро дар ростои татбиқи хоҳишот ва барномаҳои худашон масраф мекунанд. Аммо барои нокомӣ ва маломатӣ фасодро болои Ҳукумати Афғонистон меандозанд, ба ҳамин хотир, раҳбарони давлат садо баланд кардаанд. Ҳамчунин вай афзуд, ки як теъдод афроди фасодпеша ва порахури афғонӣ масъулони ниҳодҳои кӯмаккунандаи байналмилалиро низ ғарқ дар фасод ва порахӯрӣ кардаанд ва кӯмакҳое, ки бояд барои ободии Афғонистон ба масраф мерасид, тавассути ин афрод барбод ва тороҷ шудааст».

Ба гуфтаи Расулӣ, дар мавриди шеваи масрафи пулҳои кӯмакшуда дар Афғонистон: «мушкили калони Ҳукумати Афғонистон ба хотири татбиқ нашудани пулҳои кӯмакшуда аз ҷониби хориҷиён, надоштани барномаҳои дуруст барои масрафи пул дар ҷойҳои муносиби онҳо мебошад» [4].

Бар асоси гуфтаҳои Расулӣ, ин мушкилот сабаби афтодани тарҳи ниҳодҳои хориҷӣ ба хотири масрафи пулҳояшон бар асоси хоста ва салиқаи худашон дар Афғонистон шудааст. Ин гуфтаҳо дар ҳоле сурат мегирад, ки оқои Ашраф Ғанӣ дар нишасте, ки бо намояндагони ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Афғонистон ба шумули намояндаи вижа, дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид дошт, таъкид кардааст, ки ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид бояд ба мардум ва давлати Афғонистон дар бораи фаъолиятҳояшон ҷавобгӯ бошанд.

Вай афзуд, ки ҳеҷ як аз ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Афғонистон набояд қарордодҳои худро ба гунаи мустақим бо вазоратхонаҳо бибананданд. Балки бояд тамоми қарордодҳои ин ниҳодҳо аз нишастҳои кобина ( дастгоҳ) бигузаранд. Раиси ҷумҳур дар ин нишаст низ хостгори эҷоди як дастаи воҳиди барои бозрасӣ ва ҳисобдиҳии шаффоф шудааст. Намояндагони ниҳодҳои байналмилалӣ, ки дар ин нишаст иштирок карда буданд, гуфтаанд, ки ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Афғонистон талош меварзанд, то зери назорати яксон, ба ҳайси ҳамкор ва шарики Ҳукумати Афғонистон, хадамоти муассир ва ҳамаҷонибаро барои давлат ва мардуми ин кишвар ироа намоянд [4].

Албатта, мардуми Афғонистон идао доранд, ки чаро давлати Афғонистон дар ин муддати тиллоӣ, яъне баъд аз Конфронси Бон бо сарозер шудани ҳазорон миллион доллар ба хусус дар бахши рушди маориф аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои кӯмаккунанда, монанди ИМА, Аврупо, Осиё ва ҳатто Австралия ва ғайраҳо, ба таври дуруст мудирият ва масъулиятпазирӣ накард ва ба таври воқеӣ он амалӣ ва татбиқ нашуд. Ба хотири он аз шеваи назорати умури бозсозӣ ва навсозӣ ва рушди соҳаи маориф дар Афғонистон интиқодҳои мардум баланд мешавад [5].

Эҳё ва инкишофи маорифи Афғонистон акнун ба кӯмакҳои ҳангуфти муасисаҳои кишварҳои хориҷӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳоле, ки давлат буҷаи одии 600 миллион доллари худро аз манбаҳои дохилии оидотии хеш таҳия кунад ва нисфи ин миқдори пул аз кӯмакҳои хориҷӣ таъмин шавад то маоши кормандони давлат пардохта гардад. Муҳаммад Ҳаниф Атмар-вазири маориф дар охири соли 2008 ниёзи бозсозӣ ва инкишофи маорифро ду миллиард доллар эълон карда буд, вале ҳар он чи кӯмакҳо барои маориф равона шуда аст, мутобиқи ваъдаҳои хориҷиҳо сурат нагирифта аст.

Аммо, вазири маорифи Афғонистон изҳор медорад, ки «аз пулҳои созмонҳо ва кишварҳое, ки ба маорифи Афғонистон кӯмак мекунанд барои 1500 мактаб дар саросари Афғонистон, Шӯрои ҳимоятии маориф эҷод мешавад то барои беҳбудии сифати омӯзиш ва парвариш барномарезӣ кунанд [6].

Ба гуфтаҳои боло нигоҳ накарда имрӯзҳо агар ба сатҳи савод ва соҳаи маорифи Афғонистон назар андозем, Афғонистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки поёнтарин дараҷаи саводро доро мебошад. Чаро, ки асароти ҷангҳои дохилии қабл аз Толибон ва қариб ним даҳаи ҳокимияти Толибон шаҳрвандони Афғонистонро дар тамоми соҳаҳо, ба хусус дар соҳаи маориф ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ кард. Як қисме аз мардум бар асари ҷангҳои табоҳгар кушта ва қисми дигар муҳоҷиру бесарпаноҳ шуданд. Духтарон ба таври кул аз баҳраи савод маҳрум шуданд ва баччаҳо низ ҳамагӣ аз савод баҳраманд набуданд. Агар қисми аз онҳо масруфи фарогирии дарс буданд, мутаъсифона аз дарсҳои замонавӣ хабаре надоштанд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки муҳимтарин авомили ақибмонии дубораи маорифи Афғонистон аслан инҳо мебошанд:

1. Ноамниҳои тӯлонӣ дар кишвари Афғонистон;
2. Ҳузурёбии хориҷиён дар Афғонистон;
3. Рӯйи кор омадани дубораи гурӯҳи «Толибон» дар ноҳияҳои Афғонистон;
4. Норасоӣ ва мушкилоти Вазорати маориф дар бахши муаллимони мутахассис ва таҷҳизоти дарсӣ дар тамоми минтақаҳои Афғонистон.

**АДАБИЁТ**


1. Андешманд М.И. Маорифи асрии Афғонистон. - Кобул: Интишороти «Майванд», 2011. - 416 с.
2. Зара М.И. Шикояти мардуми Афғонистон аз мавҷудияти хориҷиён дар кишвар // Моҳномаи Такбир. - Кобул, № 176, 2013.- 32 с.
3. Изҳороти Осифи Нанг - муовини Вазорати маорифи Афғонистон дар мавриди баррасии чолишҳои мавҷуд дар маорифи кишвар, барои мардуми Афғонистон [манбаи электронӣ]. http://bokhdinews.af/ (санаи истифодабарӣ: 17.09. 2020).
4. Изҳороти Расулӣ Муҳаммад Тақӣ устоди донишгоҳ ба Родиюи садои афғон Ово аз 03. 01. 2016 [манбаиэлектронӣ] https://www.avapress.com/fa/report/149584/» (санаи истифодабарӣ: 18. "V 20t>).
5. Изҳороти Довуд Ноҷӣ дар сомонаи BBC аз 10.09.2011, [манбаи электронӣ]: https://www.bbc.com/persian/world/2011/09/110909_l32_sept11_naji (санаи истифодабарӣ:19.12.2020).
6. Кашки М. Вобастагии иқтисодии маорифи Афғонистон бо кумакҳои хриҷӣ // Маҷаллаи «Афғон ҷиҳод». Соли сеюм. - № 5, 2010.-125с.
7. Изҳороти Форуқ Вардак - вазири маорифи Афғонистон, дар ҷараёни имзои Созишнома бо Адел Хидир-масъули ЮНИСЕФ дар Афғонистон, Кобул ^*.03.2013, [манбаи электронӣ]: http://www.bbc.com/persian/afghanistan/2013/03/130330_k03_unicef_aid_for_afghan_educations (санаи истифодабарӣ:". 10.2020).
8. Изҳороти Муҳаммад Иброҳим Шинворӣ сарпарасти Вазорати маорифи Афғонистон дар Конфронси матбуотии маорифи Афғонистон аз 22.03.2016 [манбаи электронӣ]. https://kokchapress.com/779349 (санаи истифодабарӣ: 21.11. 2020).
9. Паёми намояндаи Президенти Афғонистон Муҳаммад Икром Ихпулвок дар робита ба фаъолиятҳо ва дастовардҳои сесолаи ҳукумат дар арсаи маориф барои мардуми Афғонистон аз 21. 04. 2016 ]манбаи электронӣ[. https://ocs.gov.af/ dr/ article_details/99 (санаи истифодабарӣ: 11.10. 2020).
10. Субранг С. Натиҷаҳои манфии таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон // Моҳномаи ҳуқуқи башар.- № 4, Кобул: ургони нашаротии камиссиюни мустақили башари Афғонистон, 2010. - 60с.


## ФАКТОРЫ ОТСТАВАНЫЕ ОБРАЗОВАНИЯ В АФГАНИСТАНЕ ПОСЛЕ ПАДЕНИЯ ДВИЖЕНИЕ «ТАЛИБАН»


*В данной статье рассмотрены и проанализированы состояния образования Афганистана после крушения движения «Талибан» и начала военных операций Международные силы содействия безопасности (ISAF). Как отмечают аналитики и эксперты по политическим и культурным вопросам, обсуждавшиеся об Афганистане и его образовании, становится ясно, что отставные корни образования Афганистана связано с политического и социального кризиса последних четырех десятилетий, оказаавшие негативное влияние на процесс обучения и воспитания, что послужило причиной тысяч трудностей для граждан страны. Потому что, самое сложное в сфере образования в Афганистане считается отсутствие безопасности, отсталой экономики, отсутствие объединения, солидарности, равноправия и братства.*

*Афганистан не выполнил должным образом управление тысячи миллионов долларов международной помощи, оказавщие международные организации и страны Америки, Европы, Азии и даже Австралии, после конференции Бонна особенно в секторе образования и таким образом, программы международной помощи должным образом не реализовались.*



***Ключевые слова:*** *образование, министерство образования, развитие сферы образования, школы, международная помощь, Афганистан, правительство Афганистана, Организация Объединенных Наций, силы содействия безопасности в Афганистане*

## FACTORS OF LAGGING EDUCATION IN AFGHANISTAN AFTER THE FALL OF THE TALIBAN

*This article examines and analyzes the state of education in Afghanistan after the collapse of the Taliban movement and the beginning of military operations of the International Security Assistance Force (ISAF). As analysts and experts on political and cultural issues have discussed about Afghanistan and its education, it becomes clear that the retired roots of Afghanistan's education are linked to the political and social crisis of the past four decades, which has had a negative impact on the process of education and upbringing, which has caused thousands of difficulties for the country's citizens. Because the most difficult thing in the field of education in Afghanistan is the lack of security, a backward economy, the lack of unification, solidarity, equality and brotherhood.*

*Afghanistan has not properly managed the thousands of millions of dollars of international aid provided by other international organizations and countries in America, Europe, Asia and even Australia, since the Bonn conference especially in the education sector and thus the international aid programs have not been properly implemented.*

***Keywords:*** *education, Ministry of Education, educational development, schools, international assistance, Afghanistan, Government of Afghanistan, United Nations, security Assistance Force in Afghanistan.*

***Сведения об авторах:***

***Кудратов Комрон Абдунабиевич*** — *кандидат исторических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Электронная почта: komron.kudratov@gmail.com Тел .: (+992) 935282862;*

***Кушо Фахим Мухаммадазам*** - *доктор Ph.D., второй курс Таджикского национального университета. Электронная почта: kosha.Fahim2019@gmail.com*

***About authors:***

***Kudratov Komron Abdunabievich*** - *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: komron.kudratov@gmail.com Tel.: (+992) 93528 2862;*

***Kusho Fahim Muhammadazam*** - *Student of doctoral program (PhD) of the Tajik National University. E-mail: kosha.Fahim2019@gmail.com*